ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «25» 09 соли 2026 № 358/ш-д ш. Душанбе

Дар бораи қатъи фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати понздаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва сархати чоруми банди 140 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи муқарраршуда дар мавриди қабул ва баррасии диссертатсияҳои Нурализода Муҳйиддин Нуралӣ, Холов Фазлиддин Абосович ва Толибзода Умеда Олим, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ қатъ карда шавад.
2. Ҳимояи диссертатсияҳои Қурбониён Хусрав Қурбонҷон ва Холмирзозода Муслима Олим, ки то ба имзо расидани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудааст, дар мувофиқа бо Комиссия ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2026, №10

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Сайфиддин Давлатзода